**АСОСНОККУНӢ**
**ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи Тартиб ва шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда дар тамғаи молӣ»**

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиб ва шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатиро ҳамчун унсурҳои ҳифзнашавандаи тамғаи молӣ» бо мақсади дар амал татбиқ намудани қисми 6 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» таҳия карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи моддаи 4 қонуни мазкур мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон ба сифати тамғаи молӣ ба қайд гирифтани нишонаҳое, ки танҳо аз унсурҳои зерин иборатанд ё ба онҳо то дараҷаи иштибоҳангез шабоҳат доранд, манъ карда шудааст:

- парчам, нишон ва дигар рамзҳои давлатӣ;
- номҳои ихтисоршуда ё пурраи созмонҳои байналмилалӣ, байниҳукуматӣ, нишонҳо, парчамҳо ва дигар рамзҳои онҳо;
- тамғаҳои расмии назоратӣ, кафолатӣ ва тамғаҳои маҳак, мӯҳрҳо, нишонаҳо ва аломатҳои дигари фарққунанда ё аломатҳое, ки то дараҷаи омехташавӣ ба онҳо монанд мебошанд.

Унсурҳои дар боло зикргардида метавонанд ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда ба тамғаи молӣ ворид карда шаванд, агар дар ин хусус розигии мақомоти ваколатдор мавҷуд бошад.

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» Тартиб ва шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчам, Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатиро ҳамчун унсурҳои ҳифзнашавандаи тамғаи молӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Тартиб) муқаррар менамояд.

Тартиби мазкур муносибатҳоро вобаста ба шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатиро ҳамчун унсурҳои ҳифзнашавандаи тамғаи молӣ танзим менамояд.

Ба тамғаи молӣ ворид намудани унсурҳои ҳифзнашаванда, аризадиҳанда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни болозикр аризаро ҷиҳати бақайдгирии тамғаи молӣ бо нишонаи арзшуда, ки дорои унсурҳои ҳифзнашаванда мебошад, ба Идораи патентӣ пешниҳод менамояд.

Мавриди зикр аст, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №153 «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ, ишораҳои ҷуғрофӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ (Идораи патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи моликияти саноатӣ Идораи патентӣ муайян карда шудааст.

Тибқи банди 13 «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», лоиҳаи қарори дар боло қайдгардида мавриди арзёбии дохилиидоравӣ қарор гирифта, дар натиҷаи он дар матни лоиҳаи мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нагардидааст.

Санади мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб намекунад.

Бо дар назардошти ин эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қайдгардида барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва дастгирӣ карда шавад.